# Тақриз

## ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзуи «Таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ

Баъд аз ба даст даровардани истиқлолият дар таърихи халқи тоҷик марҳалаи нав – марҳалаи эъмори унсурҳои нави давлатдорӣ ва таҳкими мустақилият оғоз гардид. Яке аз масъалаҳои муҳимми барпо кардани давлати соҳибистиқлол, ин ташаккул додани худшиносии миллӣ, ҳаматарафа омӯхтани таърих ва фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Маҳз фарҳанг қодир аст, ки ба ташаккулёбӣ, тараққиёти истеъдоди эҷодӣ ва пешрафти ҳаматарафаи инсон таъсири калон расонад. Муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ ҳамчун донишкадаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ, дар ташаккулёбии афкори ҷомеа, устувор гаштани истиқлолият ва ваҳдати миллии халқи тоҷик нақши асосиро мебозанд. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич «Таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол», бешак мубрам ва саривақтӣ буда, дар заминаи маводи бойгониҳои ҷорӣ ва таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, амалӣ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки дар муқаддимаи кор мубрамият, арзиши илмии мавзуи таҳқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади таҳқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намудааст, пояи сарчашмавии таҳқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети таҳқиқот, ҳудуди хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо мушаххас, аҳамият ва арзиши илмӣ, амалии таҳқиқоти худро асоснок намояд.

**Боби якуми диссертатсия – «Вазъи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар солҳои аввали даврони истиқлол»** аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб масоили ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони барқароршавии Ҳукумати Шӯравӣ, созмон додани фаъолияти китобхонавӣ дар минтақа дар аввали солҳои 20-уми асри XX, фаъолияти аввалин муассисаҳои клубӣ ва чойхонаҳои Сурх, таъсис ёфтани аввалин театри касбӣ ва театрҳои халқӣ, бунёди муассисаҳои фарҳангӣ – варзишӣ дар солҳои 60-80-уми асри XX, вазъи китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои минтақа дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дар барқарорсозӣ ва рушди муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Боби дуюми диссертатсия – «Рушди минбаъдаи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар минтақа»** аз се зербоб таркиб ёфта, ба таҳлили рушди минбаъдаи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақа бахшида шудааст. Дар он муаллиф оид ба ҷалби ҳунарҳои мардумӣ дар рушди муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақа, рушди осорхонаҳо ва фароҳамсозии ҳифзи объектҳои таърихӣ – фарҳангӣ ва иштироки муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақа дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор дода, дар ин замина саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар эҳё ва рушди нумуи ҳунарҳои мардумӣ мушаххас намудааст.

Бояд зикр кард, ки омӯзиши масоили муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон меҳвари таҳқиқоти муаллифро ташкил додаанд. Истифодаи маводҳои бойгонӣ, санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ, ҳисобот ва ёддошту хотираҳо ва қисман баррасӣ намудани онҳо бо маводҳои чопӣ, имконият дод, ки ҷанбаъҳои асосии

фаъолияти муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ ҳаматарафа омӯхта шаванд.

Мазмуни рисола пурра дар корҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Метавон гуфт, ки муаллиф тамоми мақсад ва ҳадафи дар назди худ гузоштаашро бо пуррагӣ ҳаллу фасл намудааст.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзуи «Таърихи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол» таҳқиқоти мустақилона ва аз лиҳози мантиқ ба анҷомрасида буда, тибқи натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ** **Абдуллоев Маҳмуд Холович**

Имзои д.и.т., профессор Абдуллоев М.Х.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК –и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Амиров Ф.